**аз 01.12.2017, № 553**

Дар бораи тасдиқи Низоми гузаргоҳ дар Кумитаи
андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тибқи талаботи банди 2 фармоиши Саридораи ҳифзи сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.10.2017, №217 «Дар бораи Намунаи низоми гузаргоҳ дар мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ» ва банди 16 Низомномаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Низоми гузаргоҳ дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Риояи Низоми гузаргоҳ дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳамаи кормандони Дастгоҳи марказӣ, мақомоти худудии андоз ва корхонаҳои системаи Кумитаи андоз ҳатмӣ мебошад.

3. Шуъбаи ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ фармоиши мазкурро ба раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ, мақомоти худудии андоз ва корхонаҳои системаи Кумитаи андоз дастрас намояд.

4. Фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 14.03.2014, №85 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои гузарномадиҳӣ ва тартиботи дохилиидоравӣ дар биноҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз эътибор соқит карда шавад.

5. Назорати иҷрои фармоиши мазкурро ба зиммаи худам вогузор меннамоям.

Раис Н. Давлатзода

Замима
Бо фармоиши Раиси Кумитаи андози
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз « 01» декабри соли 2017, № 553
тасдиқ шудааст.

# НИЗОМИ ГУЗАРГОҲ ДАР КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низоми гузаргоҳ дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Кумитаи андоз) дар асоси талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи сирри давлатӣ таҳия гардида, тартиби воридшавии шахс ва воситаҳои наклиётро тавассути нуқтаи назоратии гузаргоҳ (минбаъд - ННГ) ба бинои Кумитаи андоз муқаррар менамояд.

2. Низоми гузаргоҳ бо мақсадҳои зерин ҷорӣ карда мешавад:

- ҳифзи манфиатҳои қонунӣ ва ҷорӣ намудани тартибот дар бинои Кумитаи андоз;
- роҳ надодани воридшавии шахсони бегона ба ҳудуди бинои Кумитаи андоз бе зарурияти хизматӣ;
- ҳифзи амволи мақомоти андоз;
- таъмини ҳифзи сирри давлатӣ;
- таъмини амнияти иттилоот:
- таъмини амният дар дохил ва беруни Кумитаи андоз;
- таъмини амнияти зиддитеррористӣ.

3. Низоми гузаргоҳ, муҳофизати молу мулк ва тартиботи ҷамъиятӣ дар бино аз ҷониби посбонон – кормандони Хадамоти давлатии «Муҳофиза»-и ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кормандони масъули раёсатҳои молиявию хоҷагидорӣ ва кадрҳо ва корҳои махсуси Кумитаи андоз (минбаъд - масъулони ННГ) таъмин карда мешавад.

4. Риояи талаботи Низоми гузаргоҳ барои ҳамаи кормандони мақомоти андоз ва шахсони дигари ба таври доимӣ ва ё муваққатӣ дар дохили бино қарордошта ҳатмӣ мебошад.

5. Низоми гузаргоҳ талаботи зеринро пешбинӣ менамояд:

- ташкил намудани ННГ дар даромадгоҳи асосии бино;
- муайян намудани номгӯи лавозимоте, ки даровардани онҳо ба дохили бино манъ аст;
- ҷорӣ намудани низоми иҷозатдиҳӣ бо истифода аз гузарномаҳои доимӣ, муваққатӣ ва якдафъаина;
- ташкил намудани ҷевони махсус барои нигаҳдории телефонҳои мобилӣ (ба истиснои телефонҳои дорои имкониятҳои маҳдуди кормандони Кумитаи андоз), воситаҳои техникӣ ва лавозимоти дигари шаҳрвандон;
- ташкил намудани посбонии бино, объектҳои таҳти низом ва ҳуҷраи реҷавӣ, таҷҳизонидани бино бо таҷҳизоти назоратӣ, воситаҳои махсуси муҳофизатӣ;

6. Бинои Кумитаи андоз дар суроғаи: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кучаи Неъмат Қарабоев - 42/2 ҷойгир мебошад.

7. Кормандони мақомоти андоз ва ташрифоварандагоне, ки ба бино даромаду баромад мекунанд, вазифадоранд талаботи масъулони ННГ - ро иҷро ва риоя намоянд.

8. Талаботи Низоми гузаргоҳ ба ҳамаи кормандони мақомоти андоз шинос карда мешавад.

9. Ташкили Низоми гузаргоҳ ба зиммаи сардори Раёсати молиявию хоҷагидории Кумитаи андоз гузошта мешавад.

## 2. ТАРТИБИ ВОРИДШАВӢ БА БИНОИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

10. Воридшавии кормандони дастгоҳи марказии Кумитаи андоз, воҳидҳои сохторие, ки дар биноӣ Кумитаи андоз ҷойгиранд, мақомоти ҳудудии андоз ва ташрифоварандагон ба биноӣ Кумитаи андоз танҳо тавассути ННГ иҷозат дода мешавад.

11. Воридшавӣ ба биноӣ Кумитаи андоз тавассути ННГ бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зерин иҷозат дода мешавад:

- гузарномаи доимӣ ё муваққатӣ;
- шаҳодатномаи хизматӣ;
- шиноснома;

12. Ҳангоми воридшавӣ ба бино гузарнома, шаҳодатномаи хизматӣ ё шиноснома ба масъулони ННГ кушода нишон дода мешавад.

13. Ҳуқуқи воридшавии доимӣ ба биноӣ Кумитаи андозро, аз ҷумла дар рӯзҳои истироҳат ва рӯзҳои ид шахсони зерин доранд:

- Раиси Кумитаи андоз ва муовинони ӯ;
- сардорони раёсатҳо, муовинони сардори раёсатҳо, сардорони шуъбаҳо ва мудирони бахшҳои дастгоҳи марказии Кумитаи андоз;
- сардорон, сардорони шуъбаҳо, мудирони бахшҳои дигар воҳидҳои сохтории Кумитаи андоз, ки дар биноӣ дастгоҳи марказӣ ҷойгиранд.

14. Воридшавии кормандони дастгоҳи марказии Кумитаи андоз ва дигар воҳидҳои сохторие, ки дар биноӣ Кумитаи андоз ҷойгиранд, дар рӯзҳои корӣ аз соати 6-00 то соати 17-00 иҷозат дода мешавад.

15. Воридшавии кормандони дастгоҳи марказии Кумитаи андоз ва дигар воҳидҳои сохторие, ки дар биноӣ Кумитаи андоз ҷойгиранд, дар рӯзҳои истироҳат ва рӯзҳои ид ба бино дар асоси рӯйхати тасдиқнамудаи роҳбари воҳиди сохторӣ ё шахси вазифаи онро иҷрокунанда (замимаи 1) иҷозат дода мешавад. Руйхат ба ННГ пешниҳод мегардад.

16. Шахсони зерин дар рӯзҳои корӣ, бе рухсатнома ба биноӣ Кумита даромада метавонанд:

- аъзоёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазирон, раисони кумитаҳои давлатӣ ва муовинони онҳо;
- роҳбарони идораҳои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони онҳо;
- кормандони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- аъзоёни Маҷлиси Миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- кормандони алоқаи махсуси ҳукуматӣ бо муросилоти муҳиму махфии дастсупурд, ки ба қисми махсус хизмат мерасонанд.

17. Воридшавии кормандони дигар мақомот барои гузаронидани корҳои садамавӣ дар бино дар вақтҳои ғайрикорӣ ё шабона, инчунин дар рӯзҳои истироҳат ва ид дар асоси руйхати тасдиқнамудани воҳиди сохторӣ, ки дар он ҷо чунин корҳо гузаронида мешавад, ё шахси вазифаи онро иҷрокунанда (замимаи 2) бо мувофиқаи Раиси Кумитаи андоз иҷозат дода мешавад.

18. Воридшавии шахсони барои ҷаласаю машварат ва дигар чорабиниҳои нақшавӣ ба биноi Кумитаи андоз омада дар асоси руйхати тартибдодаи воҳиди сохторӣ, ки барои гузаронидани чунин чорабиниҳо масъул мебошад ва бо тасдиқи Раиси Кумитаи андоз иҷозат дода мешавад. Руйхат ба ННГ пешниҳод мегардад.

19. Ташрифоварандагон дар рузҳои корӣ аз соати 8-00 то соати 17-00 бо пешниҳоди шиноснома гузарномаи муваққатӣ мегиранд ва пас аз сабти он дар дафтари бақайдгирӣ (замимаи 3) барои ворид шудан ба бинои Кумитаи андоз иҷозат дода мешаванд. Дафтар дар ННГ нигоҳ дошта мешавад.

20. Воридшавии кормандони хадамоти садамавӣ, оташнишонӣ ва тиббӣ ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулодда (сухтор, таркиш, садама ва ғайра) ба бино бо ҳамроҳии масъули ННГ ва шахсе, ки аз ҷониби Раиси Кумитаи андоз вобаста гардидааст, иҷозат дода мешавад.

21. Ҳуқуқи ворид шуданро ба бинои Кумитаи андоз бе гузарнома, бо нишон додани шаҳодатномаи хизматӣ ҳангоми иҷрои вазифаи хизматӣ ва доштани супоришнома (дар бораи тафтиши парвандаи ҷиноятӣ, санҷиши комиссионӣ, тафтиши назоратӣ, амнияти зиддитеррористӣ ва ғайра) шахсони зерин доранд: кормандони мақомоти прокуратура, амнияти миллӣ ва корҳои дохилӣ.

22. Воридшавии аъзои ҳайати намояндагии хориҷӣ ё шаҳрванди алоҳидаи хориҷӣ ба бино танҳо бо ҳамроҳии корманди масъули мақомоти андоз иҷозат дода мешавад.

23. Масъули ННГ дар бораи шахсоне, ки баъди ба охир расидани муҳлати муқарраркардаи гузарномаи муваққатӣ аз бинои Кумитаи андоз набаромадаанд, ба посбонон бо мақсади чораҷӯӣ барои кофтуков ва ошкор кардани сабабҳои дер мондан (набаромадан) хабар медиҳад.

24. Шахсоне, ки дар ҳолати мастӣ қарор доранд ба бинои Кумитаи андоз роҳ дода намешаванд.

25. Шахсони барои ворид шудан ба бино ҳуҷҷатдошта, метавонанд тавассути ННГ ҷузвгир, сумка ва дигар бори дастиро ворид намоянд. Дар ҳолатҳои зарурӣ посбонон метавонанд онҳоро аз назар гузаронанд ё ба ворид намудани онҳо ба бино монеъ шаванд. Онҳо вазифадоранд бо дархости масъули ННГ лавозимоти бохуддоштаро, ки ворид намудани онҳо ба бино манъ аст, барои нигоҳдории муваққатӣ супорида, бар ивази он овеза гиранд. Лавозимоти барои нигаҳдорӣ супоридашуда дар дафтар ба қайд гирифта, дар ҷои бо ин мақсад ҷудогардида нигоҳ дошта мешавад. Масъулони ННГ барои камомад, нигаҳдории безарари лавозимоти ба онҳо боваркардашуда масъулият доранд.

26. Ба кормандони мақомоти андоз, дигар мақомоти давлатӣ ва ташрифоварандагон ба бино овардани таҷҳизоти аксбардорӣ ва

наворгирӣ, воситаҳои тарканда, тездаргиранда, сузишворӣ ва олоте, ки боиси суйиқасди ҷиноятӣ мегардад, манъ аст.

27. Аксбардорӣ ва наворгирӣ дар бинои Кумитаи андоз танҳо бо иҷозати роҳбарияти Кумитаи андоз иҷозат дода мешавад.

## 3. ТАРТИБИ ВОРИДШАВИИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ БА БИНОИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

28. Воридшавии воситаҳои нақлиёти хизматӣ ва шахсии кормандони мақомоти андоз ба бино тавассути ННГ бо пешниҳоди гузарномаи махсус иҷозат дода мешавад.

29. Воридшавии воситаҳои нақлиёти ташрифоварандагон ва дигар мақомоти давлатӣ ва ташкилот бо гузарномаи муваққатӣ аз ҷониби Раиси Кумитаи андоз баимзорасида (замимаи 4) иҷозат дода мешавад.

## 4. ТАРТИБИ ИСТИФОДАИ ГУЗАРНОМА

30. Гузарнома ҳуҷҷати асосӣ барои воридшавии кормандони Кумитаи андоз ба бино тавассути ННГ мебошад.

31. Барои воридшавӣ ба бинои Кумитаи андоз намудҳои зерини гузарнома ва шаҳодатномаҳо муқаррар карда мешавад:

- гузарномаи доимӣ - барои кормандони дар бинои дастгоҳи марказии Кумитаи андоз фаъолияткунанда;
- гузарномаи муваққатӣ – барои шахсони ба бинои Кумитаи андоз ташрифоваранда;
- шаҳодатномаи хизматии шакли муқаррарнамудани Кумитаи андоз – барои кормандони мақомоти ҳудудии андоз.

32. Гузарномаи доимӣ ба кормандони дар дастгоҳи марказии Кумитаи андоз фаъолияткунанда дар асоси нусхаи фармоиш оид ба кор қабул шудани корманд пас аз бақайд гирифтан дар дафтари қайди Гузарномаҳои шахсӣ (замимаи 5) дода мешавад.

33. Дар ҳолати гум ё дуздида шудани гузарномаи электронӣ, соҳиби он уҳдадор аст дар ин хусус дар рӯзҳои корӣ – дар давоми на дертар аз як шабонарӯз, дар рӯзҳои истироҳат (ид) – дар оғози рӯзиояндаи корӣ ба Раиси Кумитаи андоз бо аризаи дахлдор муроҷиат намояд. То пешниҳоди ариза ба бинои Кумита даромадани шахсоне, ки гузарномаи доимии худро гум кардаанд, бо гузарномаҳои муваққатӣ сурат мегирад.

34. Гузарномаи доимӣ такроран дар ҳолатҳои зерин дода мешавад:

- ҳангоми гум шудан, дуздидан ва осеб дидани гузарнома;
- ҳангоми корношоям шудани гузарнома.

35. Ҳангоми такроран гум кардан ва ё корношоям гардонидани гузарномаи доимӣ нисбати корманд тибқи тартиби муқарраршуда муҷозоти интизомӣ татбиқ карда мешавад.

36. Гузарномаҳои доимӣ ҳангоми гузаштан ба дигар мансаб (берун аз дастгоҳи марказӣ) ва ё аз мансаб озод шудан ба Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус супорида мешавад ва дар ин бора дар варақаи азкорравӣ қайд карда мешавад.

## 5. НАЗОРАТИ РИОЯИ НИЗОМИ ГУЗАРГОҲ ДАР КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

37. Назорати риояи Низоми гузаргоҳ дар Кумитаи андоз ба зиммаи роҳбарияти Кумита ва роҳбарони ташкилоте, ки барои ин кор дар асоси шартнома ҷалб гардидаанд, гузошта мешавад.

38. Дар сурати ба миён омадани баҳс ва нофаҳмӣ байни масъули ННГ ва шахси ба бинои Кумитаи андоз воридшаванда оид ба супоридани лавозимоти шахсӣ, ба роҳбарият ҷиҳати ҳалли ин масъала хабар дода мешавад.

39. Ҳангоми муайян намудани ҳолатҳои дидаву дониста вайрон намудани талаботи Низоми гузаргоҳ дар бинои Кумитаи андоз, масъули ННГ ба унвонии Раиси Кумитаи андоз ҷиҳати чораандешии минбаъда гузориши дахлдор пешниҳод менамояд.

Замимаи 1

Иҷозат медиҳам
Раиси Кумитаи андоз
Н. Давлатзода __________
«___» ________ соли 20___

# РӮЙХАТИ КОРМАНДОН

Барои ворид шудан ба бинои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рӯзҳои истироҳат ва ид ___________________________

(санаи рӯз аниқ нишон дода мешавад)

| № | Ному насаб | Рақами бинои хизматӣ | Сана ва вақти воридшавӣ | Сана ва вақти баромадан |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

Раис Н. Давлатзода

Замимаи 2

Иҷозат медиҳам
Раиси Кумитаи андоз
Н. Давлатзода __________
«___» ________ соли 20___

# РӮЙХАТИ КОРМАНДОНИ

дигар мақомоти давлатӣ ва ташкилот ба бинои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузаронидани корҳо дар рӯзҳои истироҳат ва ид, инчунин дар вақтҳои ғайрикорӣ ва шабона

______________________________________________

(санаи рӯз аниқ нишон дода мешавад)

| **№** | **Ному насаб** | **Номи мақомоти давлатӣ ва ташкилот** | **Рақами бинои хизматӣ** | **Сана ва вақти воридшавӣ** | **Сана ва вақти баромадан** |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |

Раис Н. Давлатзода

Замимаи 3

ДАФТАРИ
бақайдгирии ташрифоварандагон

| № | Ному насаб | Номи мақомоти давлатӣ ва ташкилот | Воҳиди сохторӣ | Сана ва вақти воридшавӣ | Сана ва вақти баромадан | Лавозимоти супоридашуда | Имзо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |

Замимаи 4

Иҷозат медиҳам
Раиси Кумитаи андоз
Н. Давлатзода __________
«___» ________ соли 20___

# РУЙХАТИ
# ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ

барои ворид шудан ба бинои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рӯзҳои истироҳат ва дар давраи аз __________________________

(санаи рӯз аниқ нишон дода мешавад)

| **№** | **Ному насаб** | **Номи мақомоти давлатӣ ва ташкилот** | **Тамға ва рақами воситаи нақлиёт** | **Сана ва вақти воридшавӣ** | **Сана ва вақти баромадан** |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |

Раис Н. Давлатзода

Замимаи 5

# ДАФТАРИ
бақайдгирии гузарномаҳои шахсӣ

| № | Ному насаб | Воҳиди сохторӣ, вазифа | Рақами гузарнома | Асос барои додан | Санаи додан | Қайд барои гирифтан | Санаи супоридан | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |